**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-024 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ТАЪРИХ, АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 07.00.15 – ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА СИЁСАТИ ХОРИҶӢ (ИЛМҲОИ ТАЪРИХ)**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 02.04.2025, таҳти №9**

Дар бораи сазовор донистани Комилзода Насим Иброҳим ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)-ро 25-уми декабри соли 2024, суратмаҷлиси №10, шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Комилзода Насим Иброҳим, соли таваллудаш 1993, соли 2016 факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Шарипов Амриддин Нуридинович – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Комилова Хосият Ғуфроновна** - доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**Бобозода Фаридун Толибҷон** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа - иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ н.и.х. М.Қ. Ҳакимов, ташхисгар – н.и.с., муаллими калон И.Н. Наимӣ ва котиби ҷаласа номзади илмҳои таърих, дотсент Ш.Р. Негматова (суратмаҷлиси №7 (а), аз 11.13.2025) имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор М.Қ. Файзулло тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Комилзода Насим Иброҳим сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 9 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

[1-М]. Комилов, Н. Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистону Қазоқистон нисбат ба Чин (дар радифи лоиҳаи «Як камарбанд – як роҳ») [Матн] / Н. Комилов, А. Шарипов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №3 (92). – С.272-279.

[2-М]. Комилов, Н. Натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон оғози асри XXI [Матн] / Н. Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №5. – С.69-78.

[3-М]. Комилов, Н. Ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX [Матн] / Н. Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №7. – С.6-42.

[4-М]. Комилов, Н. Марҳалаҳои асосии ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлол [Матн] / Н. Комилов, А. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1. – С.54-63.

[5-М]. Комилов, Н.И. Тағйирёбии вазъи минтақа ва зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамта дар ибтидои асри XXI [Матн] / Н.И. Комилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №4 (99). – С.88-95.

[6-М]. Комилов, Н. Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ [Матн] / Н. Комилов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №6 (89). – С.288-292.

[7-М]. Комилов, Н.И. Ҳолат ва дурнамои рушди сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар шароити муосир [Матн] / Н. Комилов, А. Шарипов // Паёми ДДК ба номи А. Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2023. – №1 (30). – С.209-308.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Комилов, Н. Основные этапы сотрудничества Республики Таджикистан с Республикой Казахстан [Текст] / Н. Комилов, А. Шарипов // Логистика и дипломатия. Сборник материалов международой научно-практической конференции (3 декабря 2021 г.). – Алматы: ТОО Асыл кітап, 2022. – С.169-181.

[9-М]. Комилов, Н. И., Каримзода И.С. Таъсири хатарҳо ба вазъи минтақа ва ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтии Тоҷикистон дар шароити муосир [Матн] / Н. И. Комилов, И.С. Каримзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақш ва мақоми Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ». – Кӯлоб, 2023. – С.87-93.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Э. Ҳоҷибеков. Тақриз мусбат, эрод надорад.

2. Номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Х.Н. Насриддинов. Тақриз мусбат, эрод надорад.

3. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ М.Н. Мирзоев. Тақриз мусбат, эрод надорад.

4. Доктор PhD дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, и.в. дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи ал-Форобӣ Л.Ф. Деловарова. Тақриз мусбат, эрод надорад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ**: Масъалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар солҳои 1991–2021 коркард карда шуд.

**Исбот карда мешавад,** ки заминаву марҳалаҳои ташаккул, натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷӣ ва мушкилоту дурнамои рушди

сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар солҳои 1991–2021 таҳқиқ ва муайян карда шуданд.

**Пешниҳод карда мешавад, ки** ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар доираи дуҷониба ва дар чаҳорчӯбаи созмонҳои фарогир ҷиҳати ҳамоҳанг сохтани манфиатҳои умумӣ ва мавқеи кишварҳо дар баробари равандҳои ҷаҳонишавӣ ва хатарҳои муосир тақвият дода шавад. Бо назардошти вазъи тағйирёбандаи минтақа ва ҷаҳон бояд дар доираи ниҳодҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ кишварҳо талоши худро дар самти таъмини амнияти минтақавӣ ва рушди устувори он, пешбурди дипломатияи бисёрсамта ҳамоҳанг созанд, ваҳдати минтақавиро бо назардошти манофеи кишварҳо тақвият бахшанд. Инчунин, ниҳоди омӯзиши моҳият ва махсусиятҳои сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамоҳангии амали барномаи сиёсати хориҷӣ ва мубодилаи таҷрибаи онҳо дар назди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Бори аввал аст, ки масъалаҳои мазкур аз ҷониби муаллиф дар чаҳорчӯбаи диссертатсия пешниҳод карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он асоснок карда шудааст, ки** пеш аз ҳама таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар фаъолияти минбаъдаи сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, бо истифода аз натиҷаҳои он ба барномаи таълими курсҳои «Моҳият ва хусусиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ» ва инчунин, курсҳои махсус оид ба марҳалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мактабҳои олии кишвар ҳамоҳанг мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳангоми навиштани корҳои таҳқиқӣ оид ба сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, монографияҳо, маводи таълимӣ, курси лексияҳо доир ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ истифода шавад.

Масъалаи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991–2021)» бори аввал дар асоси осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таҳқиқу

баррасӣ гардида, ҷойгоҳи ин масъала дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ баён гардидааст.

«Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар солҳои 1991–2021» таҳқиқу баррасӣ гардида, вазъ ва дурнамои он барои ду кишвар муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия тамоми паҳлӯҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи ду кишвар – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва дидгоҳи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ омӯхта шудааст.

**Пешниҳод гардид,** ки бо мақсади истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ курсҳои муштараки такмили ихтисоси кормандони хадамоти дипломатӣ ва давлатӣ ҷиҳати мубодилаи дастовардҳо ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар амалияи хизмати дипломатӣ ташкил карда шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Ғоя дар пояи** таҳқиқи рӯйдодҳо ва вижагиҳои муҳимми ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар солҳои 1991–2021 асоснок шудааст.

Дар диссертатсия, пеш аз ҳама  осору нутқҳо, баромадҳо, паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва китобҳо, суханрониҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, осори муҳаққиқони тоҷик З. Сайидзода, Т. Назаров, А. Сатторзода, С. Аслов, А. Шарипов, С. Шарипов, Н. Файзов ва осори муҳаққиқони қазоқ К.И. Байзакова, Ф.Т. Кукеева, М.Ш. Губайдуллина, Б.К. Султанов, С.К. Кушкумбаев, Н.С. Лапин, М.Т. Лаумулин, А. Уразаева ва дигар

олимони хориҷӣ, ки дар онҳо паҳлӯҳо ва самтҳои гуногуни ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон инъикос ва таҳлил шудаанд, истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад.

Дар маҷлиси 02 апрели соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Комилзода Насим Иброҳимро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) 5 нафар. Аз 16 нафари ба ҳайати шуро шомил буда, овоз доданд: тарафдор - 16, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**02.04.2025**